**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)**

Парвандаи аттестатсионии №__________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 07.03.2026, №69

Барои сазовор донистани Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, санаи 22-уми ноябри соли 2025, таҳти протоколи №63, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-уми марти соли 1994 таваллуд шудааст. Соли 2016 Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси 1-25010401 молия ва зинаи магистратураро аз соли 2019 то соли 2021 аз рӯи ихтисоси 1-250108 баҳисобигири бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар Донишгоҳи давлатии Данғара хатм намудааст. Соли 2022 дар Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси докторанти доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ қабул шуда, зинаи мазкурро соли 2025 хатм намудааст.

Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло фаъолияти кориашро аз соли 2019 ба ҳайси мутахассис раёсати таълим Донишгоҳи давлатии Данғара оғоз намуда, то соли 2022 дар вазифаи мазкӯр фаъолият намудааст. Аз соли 2022 то соли 2024 Сардори маниторинги сифати таҳсилоти ДДД ва аз соли 2024 то инҷониб мутахассиси маркази таҳсилоти фосилавӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Хайрзода Шукурлло Қурбон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлати Данғара.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Ҳамидова Сарвиноз Ҳамрабоевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

– **Муртазозода Ораз** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Муассисаи пешбар** - Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи ходими пешбари Институти иқтисодиёт ва демография, н.и.и., дотсент Қодиров Ш.Ш. навишта шуда, дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи Назарияи иқтисод ва таҳқиқоти институтсионалй ва шуъбаи Таҳқиқоти демографӣ ва рушди нерӯи инсони аз 30-юми январи соли 2026, суратҷаласаи №5 баррасӣ гардида, аз тарафи директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О. 31-январи соли 2026 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки дар шароити муосир рақобатпазирии иқтисоди миллӣ на ба воситаи содироти ашёи хом, балки тавассути қобилияти тавлиди донишҳои нав ва татбиқи пешрафтҳои илмию техникӣ таъмин карда мешавад. Маҳз пешрафти илмӣ-техникӣ ҳамчун катализатори тағйироти сохтории иқтисодиёт баромад намуда, соҳаҳои нави онро аз қабили наноиндустрия, зеҳни сунъи ва биотехнологияро ба вуҷуд меоварад, ки онҳо дар навбати худ соҳаҳои анъанавии иқтисодиётро ба куллӣ тағир медиҳанд.

Мубрамияти мавзуи диссертатсия аз он иборат аст, ки дар консепсияҳои муосири иқтисодӣ пешрафти илму техника яке аз омилҳои муҳим ва унсури дохилии таъминкунандаи рушди иқтисодӣ шинохта шудааст. Назарияи пешрафти илмӣ-техникӣ ҳамчун маҷмӯи консепсияҳое баррасӣ мешавад, ки таъсири тағироти сифатиро дар илм, техникаю технология ва донишҳои амалӣ ба динамикаи рушди иқтисодӣ ва умуман сохтори иқтисодии ҷомеа шарҳ медиҳад.

Далелҳои болозикршуда бозгӯи онанд, ки мавзуи интихобнамудаи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон ба яке аз масъалаҳои муҳими илми муосир робита дошта, барои иқтисодиёти Тоҷикистон хеле мубрам мебошад. Азбаски дар шароити ҶумҳурииТоҷикистон ҷанбаҳои иқтисодии ин масъала пурра омӯхта нашудааст ва таҳлилу омӯзиши дақиқро тақозо менамояд,

пешбурди таҳқиқот дар ин самт зарур ва барои амалия аҳаммияти муҳим дорад..

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибуллоро мубрам арзёбӣ намуда, таҳқиқоти анҷомдодашударо дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида ҳисобида, қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави илмӣ ва амалии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**
**А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(бо забони аслӣ)**

[1-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Механизми тадбиқнамоии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №12. – С. 206.

[2-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Мушкилоти асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М., Ятимов А.Ҷ. // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №4.2.(43) – С. 261.

[3-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Муаммо ва мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти имрӯзаи вилояти Хатлон [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М., Ятимов А.Ҷ. // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №1-4(116).

[4-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Роҳҳои беҳтарнамоиииқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М., Ятимов А.Ҷ. // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №1-4/2(39) . – С. 357-364.

[5-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Муаммо ва мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти имрӯзаи вилояти Хатлон [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М., Ятимов А.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2023. – №1-4(116) . – С. 228-336.

[6-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Арзёбӣ ва самаранокии иқтисодии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М., Хайрзода Ш.Қ. // Фурӯғи илм-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №4 .

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[7-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Моҳият, шаклҳои сиёсати молияви ва роҳҳои такмил додани механизми молияви дар шароити иқтисоди бозори [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М. / Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт». (18-19.04.2024) –Данғара, 2024. – С. 413.

[8-М]. Ҳабибуллозода Ш.М. Равандҳои имрӯзаи илмӣ-техникӣ ва мавқеи он дар муносибатҳои иқтиҫоди бозорӣ [Матн] / Ҳабибуллозода Ш.М. // Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами иқтисодиёти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ». (29.11.2025) –Данғара,– С. 203-208.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Одиназода Комрон Сайдаброр** - доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии ДБССХ бо чунин эродҳо:

- Дар ҷадвали 2.2.1 муаллиф теъдоди муассисаҳою ташкилотҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро менамоянд таҳлил

намудааст, вале самара ва накши онҳо дар пешрафти илмӣ-техникӣ оварда нашудааст;

- Маълумотҳои омории дар ҷадвалҳо овардашуда барои арзёбии пешрафти илмӣ-техникӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Аммо хуб мебуд, агар муаллиф маълумотҳои навро таҳлил намуда, хулосабарорӣ менамуд.

**2. Пирназаров Шоназар Махтовович** – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва рақамикунонии КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- Нишонаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дар саҳ.13-и автореферат дар шакли расм оварда шудааст. Хуб мешуд, ки диссертант нишонаҳои пешрафти илмӣ-техникиро дар шакли ҷадвал пешниҳод менамуд.

**3. Рустамҷони С.Қ.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими МДТ “Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмуъмин Раҳимов бо чунин эродҳо:

- Сифати таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид, агар муаллиф омилҳои иқтисодии монеашавандаи рушди пешрафти илмӣ-техникиро ба таври муфассал таҳлил намуда, таъсири онҳоро ба равандҳои инноватсионӣ асоснок месохт ва механизмҳои амалии бартарафсозии онҳоро пешниҳод менамуд;

- Ба манфиати кор илмӣ мебуд, агар диссертант самтҳои афзалиятноки рушди илмӣ-техникии инноватсиониро бо дарназардошти хусусиятҳои сохтории иқтисодиёти миллӣ муайян намуда, нақши онҳоро дар баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат мушаххас мекард.

- Ҳамчунин, арзиши назариявӣ ва амалӣ боз ҳам ғанитар мегардид, агар дар таҳқиқот таҷрибаи пешқадами кишварҳои рушдёфта оид ба татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, имконияти мутобиқсозии он ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешуд.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, эроду таклифҳои манзургардида хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои

Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмии иқтисодии ватанию хориҷӣ, таърифи нави пешрафти илмӣ-техникӣ пешниҳод, инчунин методологияи арзёбии самаранокии иқтисодиии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муайян гардидаанд;

**- пешниҳод карда шуд:** вазъи имрузаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллии мамлакат дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодӣ, арзёбӣ шуда, намуди вобастагии рушди иқтисодиёт аз пешрафти илмӣ-техникиро дар низоми иқтисоди бозорӣ бо заминаи сарчашмаҳои он пешниҳод карда шуданд;

**- исбот карда шуд:** самтҳои умумии пешрафти илмӣ-техникӣ муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки пешрафти илмӣ-техникии инноватсионӣ барои рушди иқтисодиёти мамлакат, ки онро дар асоси ташкили зерсохтори ҷойдошта, ки он мусоидат ба пешрафти илмӣ-техникӣ менамояд ва барои татбиқи бештар зарурат ба механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дорад;

**- асоснок карда шудааст,** ки новобаста аз характер ҳама самтҳои прогресси илмӣ-техникӣ ба мамлакати мо ва дигар давлатҳо метавонад воситаи афзалиятнок дошта бошад. Ин ҷо дар заминаи омӯзиши коэффитсентҳои гуногун самтҳои асосии рушди пешрафти илмӣ-техникӣ муайян карда шудааст, ки он аз ҷанбаи умумӣ ва афзалиятнок иборат буда, инчунин аз чор унсури ба ҳам алоқаманди якдигарро пуркунанда, ки се самти вобастаи низомсозандаро бо зерсохтори он дар бар мегирад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки:**

Дар таҳқиқот вазъи имрузаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

**исбот карда шудааст**, ки самтҳои афзалиятноки пешрафти илмӣ-техникии инноватсионӣ барои рушди иқтисодиёти мамлакат, ки онро дар асоси ташкили зерсохтори ҷойдошта, ки он мусоидат ба пешрафти илмӣ-техникӣ менамояд ва барои татбиқи бештар зарурат ба механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дорад, амалӣ карда мешавад;

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, таҳлилу синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода бурда шудаанд;

- **баён шудани** мушкилоту маҳдудиятҳо дар рушду пешрафти илмӣ-техникӣ ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуктаҳои назари илмӣ механизмҳои ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд;

- **ошкор карда шудааст**, омилҳои иқтисодии монеашаванда дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ ошкор гардида, роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо дар амал омӯхта шуда, ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии он дар чорчӯбаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ таҳлил ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати роҳҳои такмилдиҳии онҳо оварда шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиро фаро гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо истифода хоҳанд гардид. (маълумотномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №01-12 аз 12.01.2026);

- **муайян карда шуд**, ки дар пешрафти илмӣ-техникӣ баъзе аз мушкилотҳо ҷой доранд. Ба мисли норасоии маблағҳо дар молиякунонии ин раванд, яъне аз таъминоти моддиву техникӣ дар соҳаи илм ибтидо ёфта, то ба пайвастагии зичи алоқаманд ба раванди истеҳсолот дорад. Агар ислоҳи ин раванд мусбӣ таъмин карда шавад, пас раванди тиҷоратикунонии натиҷаи он рушд карда, ғояҳои ба даст овардашударо мумкин аст дар ду сатҳ, яъне дар сатҳи эндогенӣ ва экзогенӣ дар ҷараёни муносибатҳои истеҳсолӣ истифода кард;

- **муаррифӣ карда шуд**: вазъи имрузаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллии мамлакат дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодӣ, арзёбӣ шуда, намуди вобастагии рушди иқтисодиёт аз пешрафти

илми- техникиро дар низоми иқтисоди бозорӣ бо заминаи сарчашмаҳои он пешниҳод карда шуданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ бахшида шудаанд ташкил доданд. Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади татбиқи механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд;
- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони ватанию хориҷӣ дар бахши пешрафти илмӣ-техникӣ, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» муайян шудаанд, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;
- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва методологӣ барои омӯзиши масъалаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ инъикос ёфтаанд;
- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми тартиб додани расмҳо, ҷадвалҳо, таҳия намудани диаграммаҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба пешрафти илмӣ-техникӣ истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф муайян намудани методология, вазъи имрӯзаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ гардида, омилҳои монеашаванда ошкор ва самтҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дуруст интихоб карда шуда, роҳҳои пешниҳоднамуда дар татбиқи механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;
- тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллифро ҳамчун натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқот метавон дар мавриди таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ ҳангоми омӯзиши пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд;

- аз рӯи мавзӯи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласа аз 7 - уми марти соли 2026 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 16 нафар иштирок доштанд, 6 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар узви шуро, ки овоз доданд: тарафдор 16 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент Гулов Ш.М.

07.03.2026с.